## Рушди нӯри барқ ва фаҳми дурусти лимит

Боиси ифтихор аст, ки маҳз бо роҳбарии бевоситаи Пешвои муаззами миллат давоми солҳои соҳибистиқлолӣ нисбат ба энергетика имкониятҳо пайдо гардид, маҳдудияти нерӯи барқ дар кишвар бартараф гардида, кӯшишҳо баҳри минбаъд низ пурра бо нерӯи барқ таъмин намудани аҳолӣ, соҳаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии халқи мамлакат дар оянда роҳандозӣ карда шаванд. Ва албатта, дар ин амали хайру зарурӣ, яъне таъмини сокинони ин сарзамини аҷдодӣ бо нерӯи барқи доимӣ саҳми ҳамаи мову шумо бузург аст.

Дастовардҳои муҳими соҳаи энергетика дар даврони соҳибистиқлолӣ зиёданд. Бо иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои азнавсозӣ дар доираи лоиҳаи “Таҷдиди нерӯгоҳи барқи обии Норак”, корҳои азнавсозӣ дар доираи лоиҳаи “Таҷдиди нерӯгоҳи барқи обии Қайроққум” расман оғоз гардида, зеристгоҳи барқии 110/10 кВ “Темурмалик” дар шаҳри Хуҷанд ва агрегати дуюми нерӯгоҳи барқи обии Роғун - ин Кохи нур, равшании хонадони Тоҷикистониён ва ояндаи дурахшони Ватани маҳбуб расман мавриди истифодабарӣ қарор дода шуданд, ки бешубҳа аз рӯйдодҳои фараҳбахшу таърихӣ ва дастовардҳои муҳимтарину беҳтарини соли сипаришудаистода ба шумор рафта, боиси фараҳмандиву ифтихори тамоми сокинони Тоҷикистони азиз ба шумор меравал.

Хушбахтона, Роҳбарияти олии кишвар тамоми имкониятҳои худро баҳри амалӣ намудани амнияти иқтисодии кишвар, ки амнияти энергетикӣ ҷузъи таркибии он мебошад, равона намуда, саъй дорад, тамоми мушкилот дар самти таъмини бемайлони аҳолӣ бо нерӯи барқ пурра бартараф гардад.

Дар ин замина, кормандони соҳаи энергетикаи кишвар низ ташаббусу иқдомҳои созандаи Сарвари давлатро сармашқи фаъолияти худ қарор дода, тамоми саъю кӯшишҳояшонро пеш аз ҳама баҳри пешбурд ва иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои барномаҳои соҳавии рушди энергетика равона намуда, дар доираи уҳдадориҳои худ ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати ягонаи энергетикӣ, аз ҷумла дар самти бунёд ва таҷдиди иқтидорҳои истеҳсолии энергетикӣ, сохтмон ва таъмири инфрасохтори энергетикӣ ва афзоиши имкониятҳои содиротӣ кӯшиш ба харҷ дода истодаанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар соҳаи электроэнергетикаи ҷумҳурӣ як қатор лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ татбиқ гардида, барои соҳа дастовардҳои мусбиро ба бор ов静арданд. Муҳимтарини онҳо ин мавриди истифода қарор гирифтани иқтидорҳои нави тавлиди нерӯи барқ, ба монанди нерӯгоҳҳои барқи обии «Сангтӯда 1», «Сангтӯда-2», Маркази барқу гармидиҳии Душанбе 2, “Помир-1” ва нерӯгоҳҳои барқи обии хурд, сохтмони зеристгоҳҳои барқии 500 кВ «Душанбе-500», «Суғд-500», «Дастгоҳи тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии 500 кВ дар НБО-и

Норак», зеристгоҳҳои барқии 220 кВ «Лолазор», «Хатлон», «Айнӣ», «Шаҳристон», «Шаҳринав», «Дастгоҳи тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии 220 кВ дар НБО-и Норак», хати интиқоли барқи 500 кВ «Ҷануб-Шимол», хатҳои интиқоли барқи 220 кВ «Лолазор-Хатлон», «Тоҷикистон-Афғонистон», «Хуҷанд–Айнӣ» ва «Қайроққум-Ашт», сохтмони хатҳои интиқоли барқи 220 кВ «Геран-Румӣ», сохтмони хати интиқоли барқи 110 кВ НБО "Хоруғ", НБО "Помир», сохтмони зеристгоҳи барқии «Геран-2» ба шумор мераванд.

Инчунин, мавриди истифода қарор гирифтани дигар иншооти нави тавлиди нерӯ ва хатҳои интиқоли барқ, ба монанди НБО "Себзор" (10 МВт), таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд», «Қайроққум», "Оқ-су" ва сохтмони хатҳои интиқоли барқи 500 кВ дар ноҳияҳои тобеи марказ, сохтмонҳои хатҳои интиқоли барқи 220 кВ "Айнӣ-Рӯдакӣ", "Қайроққум-Суғд" ва барқарорсозии зеристгоҳи барқии 220 кВ «Равшан», ҷорӣ намудани низоми автоматии идоракунӣ ва назорати нерӯи барқ дар вилояти Суғд, Хатлон ва ноҳияҳои тобеи марказ ва татбиқи лоиҳаи CASA-1000 пешбинӣ гардидаанд.

Гуфтан ба маврид аст, ки кормандони соҳаи энергетика бо такя ба дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври устувору доимӣ таъмин намудани аҳолии мамлакатро бо нерӯи барқ аз ҳадафҳои муҳими худ медонад ва ин раванд дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар бо роҳи афзоиш додани ҳаҷми истеҳсол, истифодаи сарчашмаҳои дигари тавлиди нерӯи барқ, баланд бардоштани самаранокии барқтаъминкунӣ дар соҳа ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ марҳила ба марҳила татбиқ шуда истодааст.

Маврид ба зикр аст, ки дар зимистони имсола бо сабаби мушкилиҳои экологӣ ба чанде аз шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ба таври лимит қувваи барқ дода мешавад ва ин амал мавсимӣ буда, дар рӯзҳои наздк ҳалли худро меёбанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки лимити неруи барқ дар як қатор кишварҳои хориҷӣ дида мешавад. Масалан дар 7 ноҳияи кишвари Ӯзбекистон, 135 маҳаллаҳои аҳолинишин дар Белорус, 85 маҳаллаҳои аҳолинишин дар Украина, 35 ҳазор шаҳрвандон дар 18 маҳаллаи Ҷумҳурии Доғистон, бо сабабҳои техникӣ бошад 10 миллион сокинони Мексика аз бебарқӣ танқисӣ доранд. Инчунин, лимити барқ дар кишварҳои Покистон, Афғонистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркия ва якчанд давлатҳои Аврупо дида мешавад. Аммо мушоҳида мешавад, ки мухолифони давлат тариқи сомонаҳои интернетӣ чунин ҳолатро нодида гирифта, андешаҳои ғаразнокро дар ин самт паҳн менамоянд.

Бояд зикр намуд, ки бо дастгирии шарикони рушд бо мақсади зиёд намудани иқтидори истеҳсолии нерӯгоҳҳои амалкунанда ва тавонои аздастдодашуда ва ба роҳ мондани фаъолияти эътимоднокӣ, таҷдиди нерӯгоҳҳои амалкунанда, аз қабили НБО "Норак" бо зиёдшавии иқтидори 300 МВт (дар маҷмуъ 3300 МВт), НБО "Қайроқум" 44 МВт (дар маҷмуъ 170 МВт) ва НБО "Сарбанд" 30 МВт (дар маҷмуъ 270 МВт) нисбат ба иқтидори воқеии имрӯзаи онҳо ба роҳ монда шудааст.

Ҷиҳати таъмини рушди устувори кишвар бо энергияи баркӣ, аз ҷумла таъмини иҷрои ҳадафи чоруми рушд, саноатикунонии босуръат, дар баробари бунёди шабакаҳои баркӣ, афзоиши иқтидорҳои истесолӣ низ муҳим арзёбӣ гардида, ба истифода супоридани 2 агрегати нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» барои поянда гардонидани фаъолияти дигар силсиланеругоҳҳои дарёи Вахш, хусусан барои таъмини истиқлолияти энергетикӣ дар ҷумҳурӣ ва фароҳам овардани имконияти барои содироти энергияи барқ ба давлатҳои ҳамсоя мусоид арзёбӣ мегардад.

**Ҳ.Азизов**

